**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи низомномаҳои бакалавриат, магистратура ва мутахассис

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади дастгирии давлатии инкишофи маориф Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тасдиқ карда шаванд:

Низомномаи бакалавриат (замимаи 1);

Низомномаи магистратура (замимаи 2);

Низомномаи мутахассис (замимаи 3).

2. Дипломи намунаи давлатии дараҷаи "бакалавр" ба дипломи намунаи давлатии дараҷаи "мутахассис" баробарарзиш дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов
аз 30 декабри соли 2007 № 650
ш. Душанбе

Замимаи 2
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2007 № 650
тасдиқ шудааст

## Низомномаи магистратура

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)

### 1.Қоидаҳои умумӣ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ таҳия шудааст.

1. Магистратура зинаи таҳсилоти олии касбӣ буда, мақсади он таъмини соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ва системаи илму маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мутахассисони баландихтисос ва кадрҳои илмию педагогӣ мебошад. Таъсис додани магистратура таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо стандарти байналмилалии таҳсилот наздик намуда, барои мувофиқати дипломҳо шароити зарурӣ муҳайё месозад.

2. Магистратура бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар донишкада, академия ва донишгоҳҳое, ки шӯъбаи аспирантура ва докторантура, инчунин имконияти илмию методӣ, заминаи хуби моддӣ, техникӣ ва таълимӣ доранд, таъсис дода мешавад. Мӯҳлати таҳсил дар шакли рӯзонаи магистратура ду сол ва дар шакли ғоибона се сол муқаррар карда шудааст.

Шахсони дорои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд дар равия ва ихтисоси ба дипломашон мувофиқ дар магистратура таҳсил намоянд.

### 2. Қабул ба магистратура

3. Ба магистратура шахсоне, ки дипломи зинаи бакалавр ва ё мутахассис доранд, қабул карда мешаванд. Довталабон аз рӯи тахассуси интихобнамудаашон реферат пешниҳод намуда, ба тариқи сӯҳбат аз озмун мегузаранд.

Барои шахсоне, ки дипломҳои онҳо ба равияи интихобнамудаашон мувофиқат намекунад, аз рӯи талаботи муайяннамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳсил дар магистратура имтиҳонҳои ҳатмӣ муқаррар карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

4. Агар дохилшавии довталаб ба магистратура ба вақти мактаби олиро хатм кардани ӯ ростояд, ба сифати имтиҳони дохилшавӣ натиҷаи имтиҳони ҷамъбастии

хатми муассисаи олии таълимӣ аз рӯи ихтисос ба ҳисоб гирифта мешавад (ба шарте, ки баҳои имтиҳони ҷамъбастии ихтисос аз бахои "хуб" паст набошад). Агар дохилшавӣ ба магистратура пас аз як соли хатм сурат гирад, новобаста аз доштани дипломи аъло довталабон имтиҳон месупоранд.

Ба магистратура то 20 % хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мешаванд.

5. Аз рӯи натиҷаи сӯҳбат ва имтиҳони дохилшавӣ ба довталаб баҳо дода мешавад. Холи миёна аз рӯи замимаи дипломи таҳсилоти олӣ муқаррар карда мешавад. Низоми баҳодиҳиро комиссияи қабул аз руи пешниҳоди факултетҳои марбута муқаррар менамояд.

6. Шахсоне, ки ба магистратура дохил мешаванд, ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

-аризаи шахсӣ ба номи ректор бо нишон додани равияи магистратура ва ихтисоси он;

-дипломи таҳсилоти олии касбӣ ва замимаи он;

-тавсияномаи комиссияи аттестатсионии давлатӣ барои дохилшавӣ ба магистратура;

-дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пешрафти корҳои илмӣ, таълимию методӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, малакаи кор дар компютер, нусхаи мақолаҳои илмӣ ва ғайра.

**3. Ташкили ҷараёни таълим дар магистратура**

7. Таҳсил дар магистратура аз 1 сентябр тибқи фармони ректор оғоз мегардад, ки дар он равияи магистратура, ихтисос ва роҳбари илмии тасдиқгардида нишон дода мешавад.

8. Таҳсил дар магистратура дар асоси нақшаи таълимии таҳиянамудаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки мутобики Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумхурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст ва ҳамчунин нақшаи инфиродии магистрант ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

9. Сарбории ниҳоии аудитории магистр дар шӯъбаи рӯзона дар як ҳафта 14 соатр ташкил медиҳад. Барои назорати иҷрои нақшаи инфиродӣ аттестатсияи ҷорӣ аз рӯи ҳамаи фанҳо дар шакли имтиҳон, санҷиш, рейтинг, санҷиши тафриқавӣ ва тест пешбинӣ карда мешавад. Миқдори умумии имтиҳон дар давраи таҳсил вобаста ба барномаи интихобнамуда на камтар аз 6 муқаррар карда мешавад.

10. Таҳсили магистрант дар магистратура мувофиқи нақшаи кории инфиродӣ, ки дар асоси нақша ва барномаи таълимии магистратура таҳия шудааст, ташкил карда мешавад. Нақшаи кории инфиродии магистрант аз рӯи нақшаи намунавӣ аз тарафи роҳбари илмии магистрант бо иштироки роҳбари магистратура ва мудири кафедраи марбут таҳия шуда, бо қарори кафедра тасдиқ ва дар кафедра муҳокима мегардад.

11. Нақшаи кории инфиродии магистрантро шӯъбаи таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда, он дар кафедраи магистратура (асл) ва нусхаи он дар дасти магистрант нигоҳ дошта мешавад.

12. Нақшаи инфиродӣ мазмун ва ҳаҷми машғулиятҳоро барои тайёр кардани магистрант бо назардошти тахассуси касбӣ ва илмии он муайян менамояд. Қисми таълимии нақшаи инфиродӣ номгӯи пурраи фанҳои таълимии тамоми силсилаҳоро бо нишон додани соатҳои умумӣ барои ҳар як фан, миқдори соатҳои аудиторӣ ва ҳамчунин намуд ва мӯҳлатҳои аттестатсияи фосилавиро дар бар мегирад. Номгӯи фанҳои равия бояд ба нақшаи магистратура пурра мувофиқат кунад.

13. Машғулиятҳои таълимӣ аз тарафи шӯъбаҳо ва кафедраҳои заминавӣ, ки барои таълим масъуланд, гузаронида мешаванд. Барои ташкили таълим шаклҳои зерини машғулиятҳо истифода бурда мешаванд:

-машғулият дар шӯъбаҳои магистратура ва омӯзиши фанҳое, ки барои ҳамаи ихтисосҳо ҳатмианд;

-машғулият дар бахшҳо аз рӯи самтҳо барои омӯзиши фанҳое, ки танҳо барои магистрантҳои ҳамин равия ҳатмиянд;

-машғулияти инфиродӣ бо магистрант, омӯзиши мустақилонаи фанҳои таълимӣ ва асарҳои илмӣ.

## 4. Роҳбарии кори магистрант

14. Рохбарии илмиро роҳбари магистратура амалӣ менамояд. Ӯ роҳбарии қисми умумии таълимӣ ва илмии барномаи магистратураро таъмин менамояд ва иҷрои нақшаи таълимии инфиродии магистрантҳоро назорат мекунад. Роҳбари барномаи магистратура бояд профессори штатӣ, доктори илми соҳаи марбут бошад. Тибқи қарори Шӯрои илмии донишгоҳи заминавӣ роҳбарии барномаи магистратураро метавонад дотсенте, ки таҷрибаи кории на камтар аз 5 сола дорад, ба ӯҳда гирад.

15. Роҳбарии бевоситаи барномаи магистрантро роҳбари илмӣ амалӣ мегардонад ва дар таҳияи нақшаи инфиродии таълимии магистрант иштирок намуда, назорат ва иҷрои онро таъмин месозад.

Роҳбари илмӣ бо пешниҳод ва қарори кафедра дар Шӯрои илмии факултет аз ҷумлаи мутахассисони баландихтисос, ки аз рӯи мавзӯи барномаи магистратура тадқиқоти илмӣ мебарад ва чун қоида дар муассисаи таълимӣ фаъолият менамояд, таъин карда мешавад.

Шумораи рисолаҳои магистирант, ки таҳти роҳбарии як омӯзгор иҷро мешаванд ба тариқи зайл муайян карда мешавад:

- номзади илм, саромӯзгор; номзади илм дотсент то 3 нафар;
- доктори илм, профессор то 4 нафар;
- мудири кафедра, профессор то 3 нафар;
- мудири кафедра, дотсент 2 нафар.

16. Роҳбари илмӣ корҳои омодагиро зери назорати умумии мудири кафедра ва роҳбари магистратура ба роҳ мемонад ва аз натиҷаи корҳои ба сомон расонидашуда ҳар се моҳ як маротиба ба кафедра ва роҳбари магистратураи муассисаи таълимӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

## 5. Талаботи умумӣ ба барномаи магистратура

17. Барномаи таълимии магистрант аз ду қисми таркибӣ - таҳсилотӣ ва тадқиқотӣ иборат мебошад.

18. Қисми таълимии барномаи магистратура силсилаи фанҳои равиявӣ ва фанҳои ихтисосиро дар бар мегирад. Силсилаи фанҳои равиявӣ аз қисмати фанҳои ихтисосӣ ва фанҳои интихобӣ иборат мебошад. Силсилаи фанҳои махсус аз фанҳои махсуси барномаи омодасозии магистр (аз рӯи равияи додашуда) ва барномаи мушаххаси магистратура, ки барои амалӣ намудани он талаботи махсус пешбинӣ шудааст, иборат аст. Таркиб ва мазмуни силсилаи фанҳои махсус аз рӯи талаботи тахассуси магистрант ҳангоми амалисозии барномаи мушаххаси магистратура муайян мегардад.

19. Қисми илмию тадқиқотии барномаи магиструра аз кори илмию тадқиқотӣ ва методӣ иборат мебошад, ки барои омодасозии рисолаи магистрант истифода мешавад.

20. Барномаҳои илмию тадқиқотӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси барномаи мушаххаси магистратура таҳия карда мешавад. Талабот ба қисми илмию тадқиқотии барномаи магистратура бояд бо Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ мувофиқат кунад. Мазмуни кори илмию тадқиқотӣ дар нақшаи кории инфиродии магистрант дарҷ мегардад;

21. Нақшаи таълимии магистратура иборат аст, аз:

- фанҳо аз рӯи равияҳои махсусгардонидашудаи тайёр кардани магистрҳо;
- фанҳои махсуси тайёр кардани магистрҳо;
- кори илмию тадқиқотӣ ва илмию омӯзгории магистрант;
- аттестатсияи ҷамъбастии давлатии магистрант.

22. Сохтор ва ташкили чараёни тайёр намуданн магистрҳо бо нақшаҳои таълимии барномаҳои магистрӣ ва нақшаҳои кории инфиродии магистрантҳо ба тартиб даровaрда мешавад.

### 6. Аттестатсияи ҷамъбастӣ дар магистратура

23. Марҳилаи хотимавии таҳсил дар магистратура аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ мебошад, ки аз ҳимояи рисолаи магистрӣ ва супоридани имтиҳони давлатӣ иборат аст.

24. Аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ аз рӯи барномаи магистрӣ мувофиқи талаботи комиссияи аттестатсияи давлатии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

25. Рисолаи магистрӣ бевосита дар кафедра таҳти роҳбарии роҳбари илмии магистрант иҷро карда мешавад. Агар рисола характери байнифаннӣ дошта бошад, ба кафедраи марбут ҳуқуқ дода мешавад, ки аз рӯи бобҳои алоҳидаи рисола (дар доираи соатҳое, ки барои роҳбарии рисолаи магистрӣ ҷудо шудааст) мушовирони илмиро даъват намояд.

26. Ба хатмкунандае, ки имтиҳони магистратураро аз ҳамаи фанҳои барномаи таълимӣ бо баҳои "аъло" (на кам аз 75%), аз фанҳои дигар бошад, бо баҳои "хуб" ва ҳамаи намудҳои санҷиши ҷамъбастии аттестатсиониро бо баҳои "аъло" тамом кардааст, "Дипломи аъло" дода мешавад.

27. Ҳангоми таҳсил дар магистратура магистрантҳо ҳуқуқ доранд, ки имтиҳонҳои номзадиро супоранд.

28. Ба шахсоне, ки нақшаи инфиродиашонро аз рӯи барномаи таҳсилоти магистр пурра иҷро намуда, рисолаи магистриро бомуваффақият ҳимоя карда, имтиҳони хатмкуниро супоридаанд, дараҷаи тахассусии "Магистр" дода мешавад. Намунаи давлатии дипломи магистр аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

29. Ба хатмкардагонии магистратура замимаи диплом бо нишон додани мавзӯи рисолаи магистрӣ дода мешавад. Дар тарафи дигари замимаи дипломи магистр фанҳои дар давоми ду сол омӯхташуда дарҷ карда мешавад.

### 7. Таҷрибаомӯзии илмию тадқиқотӣ (истеҳсолӣ)

30. Таҷрибаомӯзии илмию тадқиқотӣ (истеҳсолӣ) ҳангоми таҳсил дар магистратура ба роҳ монда шуда, ҳар сол 8 ҳафтаи таълимиро дар ҳаҷми 112 соат фаро мегирад.

31. Таҷрибаомӯзии омӯзгории дохили муассисаи таҳсилоти олӣ бояд на камтар аз 60 соат машғулиятро бо донишҷӯёне, ки дар бакалавриат таҳсил менамоянд, дар бар гирад. Таҷрибаомӯзӣ мувофиқи нақшаи инфиродии магистрант дар чараёни соли таҳсил гузаронида мешавад.

32. Ба таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ роҳбари илмӣ сарварӣ намуда, ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯзӣ дар кафедраи тахассусӣ нигоҳ дошта мешавад.

### 8. Вазифа ва ӯҳдадориҳои магистр

33. Магистр бояд:

- муҳимтарин ғояҳои таърихи фалсафаи ҷаҳониро донад;
- роҷеъ ба пайдоиш, сарчашма ва самти ташаккули фарҳангу тамаддуни муосир маълумот дошта бошад;
- тамоюли муҳими ташаккули ҷомеа ва соҳаи асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла сиёсат ва фарҳангро аз худ намояд;
- оид ба таърих ва тамоюли ташаккули ихтисоси худ маълумот дошта бошад;
- вобаста ба ихтисос малакаи такмилёфтаи муносибати шахсӣ, роҳбарӣ ва истеъдоди гуфтугӯиро дошта бошад;
-тағйир додани сохтори мазмуну чараёни таълим, наздик шудан ба пешрафти назарияи илмӣ, такя ба назария, системаи дониш, ҷанбаи илмию методӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва гузаштан ба системаи нави дидактикиро дарк намояд;
-Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ватани азизи худро дӯст дорад;

-рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эҳтиром намояд;

-забони давлатӣ - забони адабии тоҷикиро донад, пок нигоҳ дорад ва баҳри рушду нумӯи он кӯшиш намояд;

-на камтар аз ду забони байналмилалиро аз бар намуда, бо яке аз онҳо мақола ва тадқиқоти илмӣ навишта тавонад ва андешаашро хаттиву шифоҳӣ дар сатҳи соҳибзабон ифода намояд.

-таъриху фарҳанги халқи тоҷикро омӯзад ва ба ҳаводиси он баҳои дуруст дода тавонад;

-миллати худро дӯст дорад, баҳри ваҳдат, якпорчагӣ ва осудагии кишвари худ кӯшиш ба харҷ диҳад ва миллатҳои дигарро эҳтиром намояд;

-комёбиҳои илму техникаи замони муосир ва технологияи иттилоотиро аз бар намуда, барои такмили пешрафти илму техника кӯшиш намояд;

-бояд бо компютер ва интернет кор карда тавонад.

**9. Вазифаҳои мансабии магистр**

34. Магистр дар соҳаи илм: зери роҳбарии иҷрокунандаи масъул (роҳбар) тадқиқоти илмӣ-амалиро оид ба фаслҳои (даврҳо, супоришҳо) мавзӯъ мутобиқан ба методикаи муқарраршуда ба сомон мерасонад. Дар гузаронидани таҷрибаҳо ширкат меварзад, назорат ва санҷишҳо гузаронида, дар асоси онҳо хулосаҳо медиҳад. Дар тадқиқотҳои илмии худ аз муваффақиятҳои навини илм ва техникаи ватанӣ ва ҷаҳонӣ истифода менамояд. Дар кори амалан ҷорӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот ва кори конференсияҳо ва семинарҳо, чопи корҳои илмӣ иштирок мекунад.

35. Магистр дар соҳаи истеҳсолот: фаъолияти худро дар асоси истифодаи васеи техника ва технологияи навтарин, шаклҳои пешқадами идоракунӣ ва ташкили меҳнат, меъёрҳои дар чорчӯбаи илман асоснокшудаи маблағгузорӣ ва сарфи меҳнат, омӯзиши талаботи бозор ва таҷрибаи пешқадам (ватаниву хориҷӣ) ба роҳ мемонад. Дастовардҳои иқтисодиёти ватанӣ ва хориҷиро омӯхта, ҳамаи восита ва имкониятҳоро барои баланд бардоштани дараҷаи таҷҳизонии техникии истеҳсолот ва сифати маҳсулот (хизматрасонӣ), самаранокии истеҳсолот, окилона истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ истифода мекунад.

36. Магистр дар соҳаҳои иҷтимоӣ: дар корҳои истифодаи технологияи нави иттилоотӣ иштирок менамояд, корхона ва кормандони алоҳидаи онро бо ахбори тоза, дастовардҳои ватаниву хориҷии илмӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ таъмин мекунад, бо мақсади баланд бардоштани донишҳои илмӣ-техникии кормандон, созмон додани фазои хуби иттилоотии корхона семинарҳо ва конференсияҳо созмон медиҳад, ба чопи корҳои илмӣ мусоидат менамояд. Магистр дар кори ҷорӣ намудани воситаҳои технологияи компютерӣ дар фаъолияти хадамоти сотсиологӣ ва пурқувват гардонидани пояи иттилоотии он фаъолона ширкат меварзад. Тарзу усулҳои фаъолияти омӯзгориро васеъ истифода мебарад.

**10. Таҳияи рисолаи магистрӣ**

37. Таҳияи рисолаи магистрӣ дар тӯли тамоми давраи таҳсил дар магистратура идома меёбад. Тибқи нақшаи инфиродӣ ва мӯҳлатҳои дар он муқарраргардида магистрант бояд оид ба рафти иҷрои кор дар назди роҳбари илмӣ, роҳбари магистратура ва кафедраи марбут ҳисобот диҳад.

Рисолаи магистрӣ дар охири семестри хотимавӣ дар ҷаласаи комиссияи аттестатсионии давлатӣ (КАД) дифоъ карда мешавад.

38. Шахсоне, ки магистратураро бо дипломи аъло хатм мекунанд, дар асоси қарори комиссияи давлатии аттестатсионӣ ба аспирантура ва барои ба даст оварданн дараҷаи илмии доктори илм (DPhd) ба муассисаҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ тавсия карда мешаванд.

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2007 № 650
тасдиқ шудааст

## Низомномаи мутахассис

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)

### 1. Қоидаҳои умумӣ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шудааст.

1. Дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тахассуси "мутахассис" зинаи мустақили таҳсилоти олии касбӣ буда, мақсади он таъмини эҳтиёҷоти кишвар бо мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ мебошад.

2. Мӯҳлати таҳсил дар асоси барномаҳои таълимӣ барои тахассуси "мутахассис" дар шӯъбаи рӯзона то 5 сол ва дар шӯъбаи ғоибона то 6 сол муайян карда мешавад.

3. Ба шаҳрванди дорои тахассуси "мутахассис" дипломи мутахассис аз рӯи ихтисосҳои самти техникӣ, технологӣ ва тиббӣ дода мешавад.

### 2. Тайёр намудани мутахассис

4. Мутахассис - шахсест, ки соҳиби таҳсилоти олии касбӣ буда, доир ба назария ва амалияи ихтисоси худ донишу малака ва маҳорати касбӣ дошта, инчунин дорои қобилияти навиштани кори илмӣ мебошад.

5. Барои дарёфти тахассуси "мутахассис" ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шахсоне, ки шаҳодатномаи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, дипломи намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ доранд, қабул карда мешаванд.

6. Ба гурӯҳи шартномавии тахассуси "мутахассис" шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, ки ҳуҷҷати баробарэътирофи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбиро доранд, қабул карда мешаванд.

7. Миқдори ҷойҳои қабули донишҷӯён барои таҳсил аз рӯйи барномаи "мутахассис", ки дар асоси замимаи иҷозатнома (литсензия) дар бораи пешбурди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷудо шудааст, бо пешниҳоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди маблағҳои буҷетии ҷудошуда муайян карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

8. Довталабон барои дохил шудан ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси "мутахассис" ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ (намунаи давлатӣ, ё нусхаи асли дипломи эътирофкардашуда);
- маълумотномаи тиббӣ (шакли 086/У);
- 6 адад расм (андозаи 3х4);
- шиноснома ё шаҳодатнома дар бораи таваллуд;
- билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи қайдии даъватшаванда;
- тавсифнома.

9. Барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи касбии риштаи марбута бо қарори Шӯрои илмии муассисаи олии таълимӣ дарёфти таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаи маҳдуд ё суръатноки мутахассис дода мешавад.

10. Шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ барои соҳиб шудан ба тахассуси "мутахассис" дар асоси талаботи зерин қабул карда мешаванд:

- мутобиқи созишномаҳои байнидавлатӣ;
- дар ҳудуди бурсияҳои ҷудогардида бо розати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;

- мувофиқи шартномаи дутарафа бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ризоияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи замимаи литсензия оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ бо пардохти ҳаққи таҳсил ва бо назардошти риояи Низомномаи мазкур *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

### 3. Ташкили ҷараёни таълим

11. Таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои дарёфти тахассуси "мутахассис" дар асоси нақшаҳои таълимии таҳиянамудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки мутобиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шуда, аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

12. Таҳсил аз 1 сентябр оғоз меебад.

13. Сарбории умумии тахассуси "мутахассис" дар як ҳафта набояд аз 54-60 соат зиёд бошад. Сарбории фаъоли аудиторӣ (машғулиятҳои амалӣ, назариявӣ ва таҷрибавие, ки аз ҷониби омӯзгор гузаронида мешаванд) бояд дар як ҳафта аз 27 то 30 соат муқаррар карда мешавад.

14. Шаклҳои назорати иҷрои нақшаи таълимӣ барои тайёр намудани тахассуси "мутахассис": имтиҳон, санҷиш, рейтинг, санҷиши тафриқавӣ ва тест муқаррар карда мешавад.

15. Ҷараёни таҳсил барои дарёфти тахассуси "мутахассис" дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи тайёр кардани мутахассис ба роҳ монда мешавад.

16. Барномаи тайёр кардани мутахассис силсилаи фанҳои умумиҷумҳуриявӣ, фанҳои умумисоҳавӣ ва фанҳои тахассусиро ташкил мекунад.

### 4. Таҷрибаомӯзӣ

17. Таҷрибаомӯзӣ барои дарёфти тахассуси "мутахассис" тибқи нақшаи таълимии ихтисосҳо гузаронида мешавад.

18. Мақсади асосии таҷрибаомӯзӣ мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малака, маҳорат ва истеъдоди касбии таҷрибаомӯз буда, татбиқи пурраи он айнияту омӯзиши назария ва амалияро ба вуҷуд меорад.

19. Таҷрибаомӯзӣ қобилияти касбӣ, маданияти пешбурди мустақилонаи фаъолияти истехсолӣ, амалӣ, иҷтимоию сиёсӣ, илмӣ- озмоишӣ, педагогӣ ва техникию технологии мутахассиси ояндаро ташаккул медиҳад.

20. Таҷрибаомӯзӣ масъулият ва муносибати шахсии таҷрибаомӯзро нисбат ба кор ва касби интихобкардааш мустаҳкам мегардонад.

21. Таҷрибаомӯзӣ дар доираи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии системаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташкил ва ба роҳ монда мешавад.

22. Таҷрибаомӯз дар асоси роҳхат ба муассисае фиристода мешавад, ки ба ихтисоси интихобкардааш мувофиқ мебошад. Рӯзнома, роҳхат, тавсифнома оид ба фаъолияти таҷрибаомӯзии касбӣ ва маълумотнома ҳуҷҷатҳои асосии таҷрибаомӯзии мутахассис мебошад.

### 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо

23. Ҳар як шаҳрванд метавонад дар асоси тартиби муқарраршуда барои дарёфти тахассуси "мутахассис" ба шӯъбаҳои рӯзона, шабона ё ғоибонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул гардад.

24. Ба шаҳрванде, ки барои дарёфти тахассуси "мутахассис" дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил менамояд, шаҳодатнома ва дафтарчаи имтиҳонии намунаи муқаррарӣ дода мешавад.

25. Мутахассис ҳуқуқ дорад:

-дар таҳлил намудани мундариҷаи таҳсилоти худ аз рӯи риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намояд;

-хонишҳои факултативӣ ва хатмиро, ки аз ҷониби факулта ва кафедраи дахлдор пешниҳод мегардад, интихоб намояд;

-ғайр аз фанҳои таълимии соҳаи интихобшуда метавонад фанҳои дигарро, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таълим дода мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи Оинномаи он аз худ намояд;

-аз рӯйи тахассуси ҳарбӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим гирад;

-тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гурӯҳи ғайриройгон ба гурӯҳи ройгон гузарад;

- метавонад дар муҳокима ва ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф ширкат варзад;

- ба таври ройгон аз фонди китобхонаҳо, фондҳои иттилоотии Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, хизматрасонии бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки дар Оинномаи муассисаи мазкур нишон дода шудааст, истифода барад;

- корҳои курсӣ, лабораторӣ, рефеативӣ, маърӯзаҳои илмӣтадқиқотиро таҳия карда, онҳоро дар кафедра баррасӣ намояд;

- дар корҳои илмию тадқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу созмонҳо иштирок намояд;

- асарҳои таълифнамудаи худро барои муҳокима ва чоп ба Шӯрои илмии муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;

- оид ба амру фармонҳои маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунад;

- стипендияи таъинкардаи шахсони вокеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки онҳоро барои таҳсил фиристодаанд ва ҳамчунин стипендияҳои номиро дар асоси "Низомномаи таъин ва пардохти стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон" соҳиб гардад;

- аз хизмати китобхонаҳои давлатӣ ба таври ройгон истифода барад;

- аз хобгоҳҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад. Бо ҳар сокини хобгоҳ маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шартнома мебандад (намунаи шартномаро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад);

- мувофиқи зарурат тибқи муқарароти мавҷуда рухсатии академӣ гирад.

- мувофиқи тартиби муқаррарнамуда бемамоният ба дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ гузарад.

Дар мавриди гузаштан аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар тамоми ҳуқуқҳое, ки барои донишҷӯён дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешбинӣ шудаанд, нигоҳ дошта мешавад.

26. Донишҷӯёне, ки дар шӯъбаҳои рӯзона аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ бо баҳои хубу аъло таҳсил мекунанд, ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стипендия мегиранд.

27. Донишҷӯёне, ки дар гурӯҳҳои шартномавии шӯъбаҳои рӯзона бо баҳои аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил мекунанд, аз ҳисоби захираҳои дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стипендия мегиранд.

28. Барои донишҷӯёне, ки дар шӯъбаи рӯзона ва шабонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад.

29. Донишҷӯ дар ҳолатҳои зерин аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад:

-барои вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ (КТМ);

-бо сабаби гузаштан ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар;

-барои давомоти нокифоя ба дарсҳо (зиёда аз 36 соат дар як нимсола);

-барои қарздории академӣ;

-барои ба таълим шурӯъ накардан баъд аз рухсатии академӣ;

-дар сурати саривақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;
-барои дар мӯҳлати муайяншуда насупоридани се ва зиёда аз он санҷишу имтиҳонҳо;
-барои содир кардани ҷиноят;
-барои вайрон кардани қоидаҳои донишҷӯӣ ва тартиботи дохилӣ;
-дар сурати фавт;
-барои риоя накардани Оинномаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

**6. Вазифаҳои мансабӣ**

30. Ҳангоми ба кор қабул намудани мутахассис ба ӯ ҳуқуқи ишғоли вазифаҳое дода мешавад, ки мутобиқи талаботи давлатӣ ба тахассуси "мутахассис" пешбинӣ гардидааст.

31. Мутахассис дар истеҳсолот: дар бораи асосҳои лоиҳакашии объектҳои технологӣ, воситаҳои замонавии лоиҳакашии объектҳои технологӣ, воситаҳои замонавии графикаи мошинӣ, дар бораи вазифаҳо ва принсипҳои созмон додани системаи идоракунии автоматикунонидашуда, дар бораи асосҳои илмӣ ва ташкилии усулҳои бартараф намудани садамаҳо, фалокатҳо, офатҳо ва дигар вазъиятҳои истеҳсолӣ тасаввурот дорад, дар бораи асосҳои муносибатҳои истеҳсолӣ, принсипҳои идоракунӣ бо назардошти омилҳои техникӣ, молиявӣ ва инсонӣ тасаввурот дорад.

32. Мутахассис дар соҳаи иҷтимоиёт: бо давраҳои муҳими инкишофи донишҳои гуманитарӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, равияҳои асосии илм, равандҳо, консепсияҳо, сарчашмаҳои илмҳои гуманитарӣ ва кор кардан бо одамон шинос мебошад. Шаклҳо ва усулҳои фаъолияти педагогиро медонад, асосҳои таҳлили сотсиологиро аз худ намудааст; тадқиқоти амалии вазъи иҷтимоию иқтисодиро дар шаклҳои мушаххаси идоракунӣ ташкил карда метавонад.

33. Мутахассис дар соҳаи илм: оид ба фаслҳои алоҳидаи мавзӯи фаъолияти илмиаш тадқиқот ва санҷишҳо мегузаронад.

Корҳои доир ба тайёр намудани ҳисоботи зарурӣ ва ҳаллу фасл намудани лоиҳаҳои на он қадар мураккабро ба сомон мерасонад. Дар бораи зинаҳои алоҳидаи фаъолияташ нақшаҳои корӣ ва барномаҳо месозад. Маводи иттилоотии барои фаъолияти касбиаш заруриро дар компютер ҷамъ карда, мураттаб ва ҳифз менамояд ва онро дар кор мавриди истифода қарор медиҳад. Адабиёти махсус ва дигар ахбори илмию техникӣ, таҷрибаи ватанӣ ва ҷаҳониро оид ба мавзӯи тадқиқотиаш меомӯзад. Ҳисоботи давравиро дар вақти муқарраршуда таҳия месозад. Дар кори амалӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот ва санҷишҳояш иштирок менамояд. Дар семинару конференсияҳо ширкат меварзад.

**7. Аттестатсияи ҷамъбастии мутахассис**

34. Марҳилаи хотимавии таҳсил барои дарёфти тахассуси "мутахассис" аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ мебошад, ки аз ҳимояи кори хатмкунии тахассусӣ (рисолаи дипломӣ, лоиҳаи дипломӣ) ва супоридани имтиҳонҳои давлатӣ иборат аст.

35. Аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ аз рӯйи барномаи тайёр кардани мутахассис мувофиқи талаботи комиссияи имтиҳони давлатии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

36. Кори дипломӣ бевосита дар кафедра таҳти назорати роҳбари илмии мутахассис иҷро карда мешавад. Агар кори дипломӣ характери байнифаннӣ дошта бошад, ба кафедраи марбута ҳуқуқ дода мешавад, ки аз рӯйи бобҳои алоҳидаи рисола (дар доираи соатҳое, ки барои роҳбарии рисолаи дипломӣ ҷудо шудааст) мушовирони илмиро даъват намояд.

37. Ба хатмкунандае, ки имтиҳонҳоро аз ҳамаи фанҳои барномаи таълимии мутахассис бо баҳои "аъло" (на кам аз 75%), аз фанҳои дигар бошад, бо баҳои "хуб" ва ҳамаи намудҳои санҷиши ҷамъбастии аттестатсиониро бо баҳои "аъло" хатм кардааст, "Дипломи аъло" дода мешавад.

38. Ба хатмкардаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ диплом, замимаи диплом, нусха аз варақаи имтиҳонӣ бо нишондоди мавзӯи рисолаи дипломӣ дода мешавад. Дар замимаи диплом номгӯи ҳамаи фанҳое, ки мутахассис дар тӯли таҳсил аз худ

намудааст, бо нишондоди шакли назорати барномаи тайёр кардани мутахассис (санҷиш, имтиҳон ва имтиҳони давлатӣ) ифода карда мешавад.

**8. Иҷрои кори дипломӣ**

39. Таҳияи рисолаи дипломӣ дар соли охири таҳсил ба нақша гирифта мешавад. . Тибқи нақшаи инфиродӣ ва мӯҳлатҳои дар он муқарраргардида мутахассис оид ба рафти иҷрои кор дар назди роҳбари рисолаи дипломӣ ҳисобот медиҳад.

40. Рисолаи дипломӣ дар охири семестри хотимавӣ дар ҷаласаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ дифоъ карда мешавад.

41. Мутахассисе, ки муассисаи таҳсилоти олиро бо дипломи аъло хатм мекунад, аз рӯи равия ва ихтисос (ё интихобан) ба магистратура тавсия карда мешавад. Инчунин у метавонад дар аспирантура таҳсилро идома диҳад.

Замимаи 1
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри соли 2007№ 650
тасдиқ шудааст

## Низомномаи бакалавриат

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)

### 1. Қоидаҳои умумӣ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ таҳия шудааст.

1. Бакалавриат зинаи аввали (заминавии) таҳсилоти олии касбӣ буда, бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти кишвар бо мутахассисони баландихтисос таъсис дода мешавад.

2. Бакалавриат таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот наздик намуда, барои мувофиқати дипломҳо шароити мусоид муҳайё месозад ва баробарарзишии онҳоро таъмин менамояд.

3. Мӯҳлати таҳсил барои дарёфти дараҷаи бакалавр дар шӯъбаи рӯзона на камтар аз чор сол ва дар шӯъбаи ғоибона на камтар аз панҷ сол муқаррар карда мешавад.

### 2. Қабул ба бакалавриат

4. Ба бакалавриат дар асоси озмун шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мебошанд, тибқи Қоидаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ қабул карда мешаванд.

5. Шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрвандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бакалавриат дар асоси шартнома, инчунин мувофиқи созишномаҳои байнидавлатӣ қабул карда мешаванд.

6. Ба гурӯҳи шартномавии бакалавриат шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, ки дорои ҳуҷҷати баробарэътирофи намунаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ мебошанд, қабул карда мешаванд.

7. Миқдори ҷойҳои буҷетии қабули донишҷӯён барои таҳсил аз рӯйи барномаҳои бакалавриат, ки дар асоси замимаи иҷозатнома дар бораи пешбурди фаъолияти таълимӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дода шудааст, бо пешниҳоди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди маблағҳои ҷудошуда муайян карда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

8. Довталабон барои дохил шудан ба бакалавриат ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамоянд:

- ариза ба номи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;

- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ (намунаи давлатӣ, ё нусхаи асли дипломи эътирофкардашуда;
- маълумотномаи тиббӣ (шакли 086/У);
- 6 адад сурат (андозаи 3х4);
- шиноснома ё шаҳодатнома дар бораи таваллуд;
- билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда;
- тавсифнома.

9. Шаҳрвандони хориҷӣ ба бакалавриат дар асоси талаботи зерин қабул карда мешаванд:
- мутобиқи созишномаҳои байнидавлатӣ;
- дар ҳудуди бурсияҳои муқарраршуда бо роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*;
- мувофиқи шартномаи дутарафа бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ризоияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи меъёри нишондодҳои теъдоди донишҷӯён ва риояи талаботи Низомномаи мазкур *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

**3. Ташкили ҷараёни таълим**

10. Таҳсил дар бакалавриат аз 1 сентябр оғоз мегардад.

11. Таҳсил дар бакалавриат дар асоси нақша ва барномаҳои таълимии таҳиянамудаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки мутобиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд ва аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, ба роҳ монда мешавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 10.02.2016 № 66)*.

12. Сарбории умумии ихтисоси "бакалавриат" дар як ҳафта бояд аз 54-60 соат зиёд набошад. Сарбории фаъоли аудиторӣ (машғулиятҳои амалӣ, назариявӣ ва таҷрибавие, ки аз ҷониби омӯзгор гузаронида мешаванд) дар як ҳафта аз 27 то 30 соат муқаррар карда мешавад.

13. Шаклҳои назорати иҷрои нақшаи таълимӣ дар бакалавриатимтиҳон, санҷиш, рейтинг, санҷиши тафриқавӣ ва тест муқаррар карда мешавад.

14. Қисмати таълимии барномаи бакалавриат силсилаи фанҳои гуманитарӣ, табиатшиносию риёзӣ ва фанҳои тахассусиро дар бар мегирад.

**4. Таҷрибаомӯзӣ дар бакалавриат**

15. Таҷрибаомӯзӣ дар бакалавриат тибқи нақшаи таълимии ихтисос ба роҳ монда мешавад.

16. Мақсади асосии таҷрибаомӯзи мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ ва амалӣ, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малака, маҳорат ва истеъдоди касбии бакалавр аст, ки барои татбиқи пурраи донишҳои назариявӣ дар амал мусоидат менамояд.

17. Таҷрибаомӯзӣ барои ташаккули қобилияти касбӣ, маданияти пешбурди мустақилонаи фаъолияти истеҳсолӣ, амалӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, илмӣ-озмоишӣ, омӯзгорӣ ва техникӣ-технологии бакалавр мусоидат мекунад.

18.Таҷрибаомӯзӣ масъулияти бакалаврро нисбат ба кор баланд бардошта, муносибати шахсии ӯро ба касби интихобкардааш қавӣ мегардонад.

19.Таҷрибаомӯзии бакалавр дар доираи талаботи асноди меъёрии ҳуқуқии системаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад.

20.Бакалавр дар асоси роҳхати муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисае фиристода мешавад, ки ба касби интихобкардааш мувофиқ аст. Рӯзнома, роҳхат, тавсифнома оид ба фаъолияти таҷрибаомӯзии касбӣ ва маълумотнома ҳуҷҷатҳои асосии таҷрибаомӯзии бакалавр мебошанд.

**5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои бакалавр**

21. Бакалавр шахсест, ки соҳиби таҳсилоти олии касбии (заминавӣ) буда, доир ба назария ва амалияи ихтисоси худ донишу малака ва маҳорати касбӣ дошта, дорои қобилияти навиштани кори илмӣ мебошад.

22. Бакалавр ҳуқуқ дорад:

-дар таҳлили мазмуни барномаҳои таълимии таҳсилоти худ аз рӯи риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ иштирок намояд;

-фанҳои факултативӣ (барои самти таълим) ва ҳатмиро, ки аз ҷониби факулта ва кафедраи дахлдор пешниҳод мегардад, интихоб намояд;

-дар баробари фанҳои асосии соҳаи интихобшуда, фанҳои таълимии ихтисосҳои дигарро, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таълим дода мешаванд, аз худ намояд;

-корҳои курсӣ, лабораторӣ, рефекративӣ, маърӯзаҳои илмӣ-тадкиқотиро таҳия карда, онҳоро дар кафедра баррасӣ намояд;

- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ихтисоси ҳарбӣ гирад;

-тибқи ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шакли таълими ғайриройгон ба шакли таълимии ройгон гузарад;

-дар муҳокима ва ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ба воситаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф ширкат варзад;

-ба таври ройгон аз фонди китобхонаҳо, фондҳои иттилоотии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, хизматрасонии бахшҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ ва бахшҳои дигари муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ки Оинномаи муассисаи мазкур нишон дода шудаанд, истифода барад;

-дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, конференсияву симпозиумҳо ва маҳфилу созмонҳо иштирок намояд;

-асарҳои таълифнамудаи худро барои муҳокима ва чоп ба Шӯрои илмии муассисаи таълимӣ пешниҳод намояд;

-оид ба амру фармонҳои маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят кунад.

23. Бакалавр ҳуқуқ дорад стипендияи таъинкардаи шахсони вокеӣ ва ё ҳуқуқиро, ки вайро барои таҳсил фиристодааст ва ҳамчунин стипендияҳои номиро дар асоси Низомномаи таъин ва пардохти стипендияи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб гардад.

24. Бакалавре, ки дар шӯъбаҳои рӯзона аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ таҳсил мекунад, ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стипендия мегирад.

25. Бакалавре, ки дар гурӯҳҳои шартномавии шӯъбаҳои рӯзона бо баҳои аъло ва интизоми намунавӣ таҳсил мекунад, аз ҳисоби захираҳои дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба андозаи муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стипендия мегирад.

26. Ба бакалавр мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида рухсатии академӣ дода мешавад.

27. Бакалавр ҳуқуқ дорад, ки аз хизмати китобхонаҳои давлатӣ ба таври ройгон истифода барад.

28. Барои бакалаври шӯъбаи рӯзона ва шабонаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар як соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад.

29. Бакалаври эҳтиёҷманд ба манзил ҳуқуқ дорад, ки аз хобгоҳҳои муассисаи таҳсилоти олии касбӣ истифода барад. Ба ҳар як бакалаври сокини хобгоҳ маъмурияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ шартнома мебандад. Намунаи шартномаро мақомоти давлатии идораи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

30. Бакалавр дар мавридҳои зерин аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ карда мешавад:

- бинобар вазъи саломатӣ дар асоси ҳуҷҷати комиссияи тиббию машваратӣ (КТМ);

- бо сабаби гузаштан ба муассисаи олии таълимии дигар;

- барои давомоти нокифоя ;

- барои қарздории академӣ;

- ба таълим шурӯъ накардани донишҷӯ баъд аз рухсатии академӣ;
- дар сурати саривақт напардохтани маблағи таҳсил мувофиқи шартнома;
- дар ҳолати дар мӯҳлат насупоридани се ва зиёда аз он санҷишу имтиҳонҳо;
- барои содир кардани ҷиноят;
- ҳангоми фавтидани донишҷӯ;
- барои вайрон кардани интизоми таълим, қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Оинномаи муассисаи олии таълимӣ.

31. Тибқи қонунҳои амалкунанда ба бакалавр кафолати интиқол аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар дода мешавад. Дар мавриди интиқол аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи таҳсилоти олии касбии дигар тамоми ҳуқуқҳои бакалавр нигоҳ дошта мешавад.

**6. Вазифаҳои мансабии бакалавр**

32. Ҳангоми ба кор қабул намудани бакалавр ба ӯ ҳуқуқи ишғоли вазифаҳое дода мешавад, ки мутобиқи талаботи Таснифоти давлатии равияҳо ва ихтисосҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тахассуси "мутахассис" пешбинӣ гардидааст.

33. Бакалавр дар соҳаи илм: оид ба фаслҳои алоҳидаи мавзӯъ тадқиқот ва санҷишҳо мегузаронад; корҳои доир ба тайёр намудани ҳисоботи зарурӣ ва ҳаллу фасл намудани лоиҳаҳои на он қадар мураккабро ба сомон мерасонад.

Дар бораи зинаҳои алоҳидаи кор нақшаҳои корӣ ва барномаҳо месозад. Кори худро дар асосҳои илмӣ ба роҳ монда, бо усули компютерӣ ҷамъ кардан, ба тартиб овардан ва ҳифз намудани маводи иттилоотиро ба ҷо меорад. Адабиёти махсус ва дигар ахбороти илмӣ-техникӣ, таҷрибаи ватанӣ ва ҷаҳониро оид ба мавзӯи тадқиқотиаш меомӯзад. Ҳисоботи давриро дар вақти муқарраршуда таҳия месозад. Дар кори амалӣ намудани натиҷаҳои тадқиқот ва таҷрибаҳояш иштирок менамояд. Дар семинару конференсияҳо ширкат меварзад. Барои ба чоп омода намудани корҳои илмӣ ширкат меварзад.

34. Бакалавр дар истеҳсолот: дар бораи асосҳои лоиҳакашии объектҳои технологӣ, воситаҳои замонавии лоиҳакашии объектҳои технологӣ, воситаҳои замонавии графикаи мошинӣ, дар бораи вазифаҳо ва принсипҳои созмон додани системаи идоракунии автоматикунонидашуда, дар бораи асосҳои илмӣ ва ташкилии усулҳои бартараф намудани садамаҳо, фалокатҳо, офатҳо ва дигар вазъиятҳои истеҳсолӣ тасаввурот дорад, асосҳои муносибатҳои истеҳсолӣ, принсипҳои идоракунро бо назардошти омилҳои техникӣ, молиявӣ ва инсонӣ медонад.

35. Бакалавр дар соҳаи иҷтимоиёт: бо давраҳои муҳими инкишофи донишҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, равияҳои асосии илм, равандҳо, консепсияҳо, сарчашмаҳои илмҳои гуманитарӣ ва кор кардан бо одамон ошност; шаклҳо ва усулҳои фаъолияти педагогиро медонад, асосҳои таҳлили сотсиологиро аз худ намудааст; тадқикоти амалии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодиро дар шаклҳои мушаххаси идоракунӣ ташкил карда метавонад.

**7. Аттестатсияи ҷамъбастии бакалавр**

36. Марҳилаи хотимавии таҳсил дар бакалавриат аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ мебошад, ки аз ҳимояи кори дипломӣ ва супоридани имтиҳонҳои давлатӣ иборат аст.

37. Аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ аз рӯи барномаи бакалавриат мувофиқи талаботи комиссияи аттестатсияи давлатии хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

38. Кори дипломии бакалавр бевосита дар кафедра таҳти назорати роҳбари илмии бакалавр иҷро карда мешавад. Агар кори дипломӣ характери байнифаннӣ дошта бошад, ба кафедраи марбута ҳуқуқ дода мешавад, ки аз рӯйи бобҳои алоҳидаи рисола (дар доираи соатҳое, ки барои роҳбарии кори дипломӣ ҷудо шудааст) мушовирони илмиро даъват намояд.

39. Ба хатмкунандае, ки имтиҳони бакалавриатро аз ҳамаи фанҳои барномаи таълимии бакалавриат бо баҳои "аъло" (на кам аз 75%), аз фанҳои дигар бошад, бо

баҳои "хуб" ва ҳамаи намудҳои санҷиши ҷамъбастии аттестатсиониро бо баҳои "аъло" хатм кардааст, "Дипломи аъло" дода мешавад.

40. Ба хатмкардаи бакалавриат диплом, замимаи диплом, нусха аз варақаи имтиҳонӣ бо ифодаи мавзӯи кори дипломии бакалавр дода мешавад. Дар замимаи диплом баҳои ҳамаи фанҳое, ки бакалавр дар тӯли таҳсил аз худ намудааст, бо ифодаи шакли назорат (санҷиш, имтиҳон ва аттестатсияи давлатӣ) нишон дода мешавад.

**8. Иҷрои кори дипломии бакалавр**

41. Таҳияи кори дипломии бакалавр дар соли охири таҳсил ба нақша гирифта мешавад. Тибқи нақшаи инфиродӣ ва мӯҳлатҳои дар он муқарраргардида бакалавр оид ба рафти иҷрои кор дар назди роҳбари кори дипломӣ ҳисобот медиҳад.

42. Кори дипломии бакалавр дар охири семестри хотимавӣ дар ҷаласаи Комиссияи аттестатсионии давлатӣ дифоъ карда мешавад.

43. Бакалавре, ки муассисаи таҳсилоти олии касбиро бо дипломи аъло хатм мекунад, аз рӯи равия ва ихтисос (ё интихобан) ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар барои таҳсил тавсия карда мешавад.